**Иқтибос аз Суратмаҷлиси № 9**

маҷлиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

18 апрели соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 29.05.2023, № 114/шд, тасдиқ шудааст.

Дар маҷлис 12 нафар **иштирок карданд:** д.и.т., профессор Саидов А. – раиси шуро; д. и. т., проф. Абулҳаев Р. – муовини раиси шуро; д.и.т. Иброҳимов М.Ф. – котиби илмии шуро; узви шуро, д.и.т. Абдурашитов Ф.М.; узви шуро, д.и.т. Бобомуллоев С.Ғ; узви шуро, д.и.т. Додхудоева Л. Н.; узви шуро, д. и. т., Қабилова Б.Т.; узви шуро, д.и.т., профессор Маликов М.Ҳ. узви шуро, д.и.т., проф., узви вобастаи АМИТ Пирумшоев Ҳ.; узви шуро, д. и. т., проф. Раҷабов А.; узви шуро, д.и.т., проф. Ҳотамов Н.Б.; узви шуро, д.и.т., проф., узви вобастаи АМИТ Шарифзода А.А.

**Рӯзномаи маҷлис:**

2. Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи “Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992 – 2000)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), таъйини муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ. Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои таърих, дотсент Ғафуров А. М.

**Баромад кард:** Раиси комиссияи экспертӣ узви шуро, д.и.т. Шарифзода А. А.

Тибқи фасли 56-уми Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., таҳти рақами 267), шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 санаи 28.03.2024 с. комиссияи экспертиро дар ҳайати узви шуро, д.и.т. Шарифзода А. А., узви шуро, д.и.т. Қобилова Б.Т. ва узви шуро, д.и.т., профессор Маликов М. Ҳ. барои баррасии диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992 – 2000)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шуда, дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратмаҷлиси № 10 аз 26.10.2023), хулосаи комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ аз 15.04.2024, дар мутобиқат ба бандҳои 57-60 фасли 5-уми Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, шурои диссертатсионии 6D.KOA-035,

**Қарор қабул кард:**

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи **Асомиддини Абдулмумин** дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992 – 2000)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисосҳои шурои диссертатсионии 6D.KOA-035 ва мавзуи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.
2. Диссертатсия барои ҳимоя қабул карда шавад.
3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Набизода Ваҳоб Машраб**, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

**Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**, номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини декан оид ба таълими факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

4. **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.
5. Санаи ҳимоя **28 июни соли 2024** муайян карда шавад.
6. Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ирсоли он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.
7. Барои ҷойгир намудани эълон, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти ҶТ ба унвонҷӯ иҷозат дода шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: ҷонибдор - 12, муқобил - нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.т., профессор А. Саидов

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ д.и.т. М. Ф. Иброҳимов

18.04.2024 с.